آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

2
августи
соли 2023
Чоршанбе
№ 61 (14968)

e-mail:
ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

## ИМКОНИЯТҲОИ ИЛОВАГӢ ДАР СОҲАИ ГЕОЛОГИЯ МУАЙЯН КАРДА ШУДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев 1 август бо муаррифии чораҳо бинобар афзун кардани захираҳо ва зиёд намудани миқдори кашфи конҳои фоиданок шинос гардид.***

Дар кишвари мо ба шарофати эътибори баланд ба соҳаи геология ва ҷорӣ намудани технологияҳои замонавӣ имконият барои кашфи захираҳои зеризаминӣ афзуд. Сармоягузорони хориҷӣ сармояи худро ба лоиҳаҳои кашф кардан ва коркарди сарватҳо равона мекунанд.

Аз ҷумла, тӯли шаш соли охир 15 лоиҳаи нави коркарди каолин дар ҳаҷми 148 миллион доллар ба роҳ монда шуданд. Дар натиҷа ҳаҷми истихроҷи маҳсулоти тайёр аз он тақрибан 2 баробар зиёд гардид, содирот ба 65 миллион доллар расид. Дар ҳамин давра ҳаҷми истеҳсоли ангишт 1,4 баробар афзуда, ба 5,4 миллион тонна баробар шуд.

Дар ҷараёни муаррифӣ бинобар нақшаҳои соҳаи геология, аз ҷумла бобати зиёд кардани захираҳои уран, каолин ва ангишт маълумот пешниҳод гардид.

Таъкид шуд, ки соли равон истихроҷи 6,7 миллион тонна ангишт ба нақша гирифта шудааст.

33 лоиҳа ба маблағи 620 миллион доллар бинобар каолин татбиқ мегарданд. Аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулот бо арзиши баланди иловагӣ аз ин ашё пешбинӣ гардидааст, ки соли равон содирот то ба 81 миллион доллар ва дар соли 2030-юм то ба 180 миллион доллар расонида шавад.

Ҳамчунин якҷо бо ширкатҳои хориҷӣ бобати зиёд кардани захираҳои уран корҳои ҳафриётиву геологӣ идома меёбанд.

Роҳбари давлат ба шахсони масъул супориш дод, ки нишондиҳандаҳои минбаъда дар самтҳои мазкур зиёд карда шаванд. Бобати зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот, бо истифодаи самарабахш аз пойгоҳи мавҷудаи ашёи хом, технологияи нодир ва иқтидори кадрӣ вазифа гузошта шуд.

Бинобар тезондани корҳои ҳафриётии геологӣ, бо пешниҳоди 5 майдончаи пешомадноки ангиштсанг дар Сурхондарё, ҷорӣ намудани технологияҳои баландсифат ва ба навъҳо ҷудокунии ангиште, ки дар Ангрен истихроҷ карда мешавад, супоришҳо дода шуданд.

Зарурияти кофтукови конҳои нави каолин ва то 200 миллион тонна зиёд кардани захираи он, афзудани миқдори лоиҳаҳо бобати коркарди ин ашёи хом таъкид гардид.

Чораҳо бинобар ҷалби сармоядорони хориҷӣ дар азхудкунии конҳои гидротермалӣ ва варақсангҳои сиёҳи уран муайян карда шуданд.

**ЎзА.**

## НУҚТАҲОИ НАВИ АҲОЛИНИШИНИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

Мавзее, ки мувофиқи меъёрҳои замонавӣ бунёд мегардад, бинобар ҳамоҳангии хосаш бо табиати атроф, манзараи зебои сарсабзи худ нодир аст. Дар ин ҷо бунёди ҳавзҳо ва фавворахо, майдони серсоя барои саёҳат ва истироҳат, майдончаҳои бозии бачагона ва консертӣ, гулбоғ, боғ пешбинӣ шудааст, ки бо истифода аз технологияи каммасрифи энергетикӣ сохта мешаванд.

Тавре ки шумо пай бурдед, сухан дар бораи мавзеи «Ӯзбекистони Нав» – шаҳраки ба худ хоси экологӣ меравад, ки дар шаҳри Фарғона бунёд меёбад. Ҳангоми боздидаш аз вилояти Фарғона Президент бо ҷараёни ин корҳо шинос шуд.

Алҳол сохтмон дар ҳудуди бузурги масоҳаташ 300 гектар идома дорад. Дар ин ҷо 298 хонаи бисёрҳуҷра барои зиёда аз 65 ҳазор сокин қад рост мекунад. Ин барои шаҳри сераҳолии Фарғона ва тамоми вилоят аҳамияти махсуси иҷтимоӣ дорад.

– Ҳудуди вилояти мо дар минтақаи сейсмологии 7-8 ҳол қарор дорад, маҳз барои ҳамин ҳам ба тобоварии сейсмологии биноҳо эътибори зиёд дода мешавад, – мегӯяд мутахассиси пешбари инспексияи ҳудудии вилоят оид ба назорати соҳаи сохтмон ва хоҷагии манзиливу коммуналӣ Умедҷон Узоқов. – Ҳамзамон мо сифати маводи сохтмонро мунтазам назорат мекунем ва ба меъёрҳои давлатӣ риоя менамоем. Барои ин дар ноҳия лабораторияи махсус мавҷуд аст. Барои мисол, танҳо намунаҳои хишт, семон ё ҳуд арматурае, ки дар лабораторияи тадқиқ шуда, ба мо расидааанд, қабул карда мешаванд. Дар ҷараёни ин раванд беш аз 20 ҳуҷҷати идоравӣ бинобар маводи бадсифат тайёр ва ба ташкилотҳои масъул пешниҳод шуданд.

Аз ин муносибат ашхоси масъули ташкилоти сохтмонӣ низ розианд, зеро онҳо аз мустаҳкамии иншооти бунёдкардаашон, ки метавонанд солҳои дароз ба мардум хидмат кунанд, манфиатдоранд.

– Мо ду хонаи истиқоматии 7 ошёна месозем ва аз назорати мунтазами созмонҳои масъул манфиатдор мебошем, – мегӯяд роҳбари ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Мадина» Мирзоакбар Расулов. – Ҳамчунин талаботи нав бобати таъмин сохтани самаранокии энергетикӣ иҷро шуданд: болопӯши биноҳо базалтӣ буда, дар бом панелҳои офтобӣ ва коллекторҳои аз нури офтоб гармкунандаи об гузошта шудааанд, хонаҳо бо лифтҳои замонавӣ муҷаҳҳаз мебошанд.

Барои сокинони шаҳр тамоми қулаиҳо фароҳам оварда шудаанд. Ташкилоти таълими томактабии дорои 420 ҷой, мактаб барои 990 хонанда, поликлиникаи соҳиби 220 кат тақрибан тайёранд, дар онҳо корҳои охирин бурда мешаванд. Тасаввур кунед, ки аз хона баромада, кӯдаки худро дар боғчаи бачагона ё худ мактаб мегузореду бо хотири ҷамъ ба коргоҳатон меравед. Ё худ шумо метавонед дар вақти хостаи худ аз хидмати поликлиникаи наздиктарин истифода бубаред. Иншооти дигари иҷтимоӣ ва истироҳатӣ, чунончи истгоҳи автомобилӣ, дуконҳо низ дар шафати хонаи шумо қарор доранд. Шомгоҳ метавонед бо аҳли оила ба боғи «Ӯзбекистони Нав» равед ва аз ҳавои тоза ҳаловат бубаред.

Акнун биёед ба ҷиҳате, ки боиси рағбати аксарият мебошад, назар дӯзем: арзиши хонаҳои дар ин ҷо сохташуда чӣ гунааанд ва чӣ тарз метавон соҳиби хона шуд? – Мо хонаи нӯҳошёна месозем ва аллакай 50 ҳуҷраро фурӯхтем. Харидорон омада хонаро бо чашми худ мебинанд ва шартнома мебанданд, – мегӯяд менеджери оид ба фурӯши ширкати сохтмони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Reverem Gold» Абдувосит Зоҳидов. – Одамонро ҳавои тоза, хатти махсуси обгузаронӣ, пӯшиши хубу мустаҳками бом, ороиш ва дизайни замонавии даромадгоҳҳо, истифода аз маводи босифати сохтмон, ҳамчунин мавқеи ба мактаб, боғчаи бачагона, масҷидҳо наздик ҷалб менамоянд. Ҳоли ҳозир як метри мукааби ин хонаҳо ба ҳисоби миёна 5 миллион сӯм мебошад. Бо дарназардошти фикру ақидаи харидорон дар ин ҷо манзилҳои 2,3,4 ҳуҷрагӣ сохта мешаванд, ҳамчунин ҳуҷра – студияҳо мавҷуданд. Дар мо вомҳои ипотекӣ нестанд, вале дароз кардани муҳлати пардохт то ба 48 моҳ ба роҳ монда шудааст. Аъзобадали аввалинро дар ҳаҷми 10-15 фоиз метавон дар шакли гуногун пардохт.

Бояд таъкид кард, ки дар шаҳр хонаи махсуси савдои хидматҳои бонкӣ кушода шудааст.

— Мо тайёрем ба онҳое, ки мехоҳанд дар ин шаҳраки экологӣ хона харид кунанд, кумак расонем. Дар ин ҷо ҳар рӯз ходимони масъули ҳафт бонки вилоят кор мекунанд, – мегӯяд сардори маркази хидматҳои бонкии «Турон-бонк»-и Фарғона Паҳлавон Эгамов. – Мо ба ҳамватанони худ вомҳои ипотекии 18 фоизаи солонаро ба муҳлати то 20 сол пешниҳод мекунем. Шаҳрвандон на камтар аз 15 фоизи миқдори умумии қимати ҳуҷраро мепардозанд, 85 фоизи боқимондаро бонк пардохт мекунад.

Пешбинӣ мегардад, ки соли равон 80 хона барои истифода супурда шавад. Солҳои минбаъда сохтмони хонаҳои бисёрошёна, мактаб ва кӯдакистонҳо, меҳмонхонаҳо идома меёбанд, дар ҳудуди ҳамшафат минтақаи хурди саноатӣ сохта мешавад. Бо гузашти айём ин шаҳр мавзеи хуби аҳолиро бо манзил ва музди меҳнат таъмин кардани аҳолӣ, намунаи беҳтарини шаҳрсозии замонавӣ хоҳад шуд.

**Масъудҷон СУЛАЙМОНОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

***Корҳое, ки дар ноҳияи Риштони вилояти Фарғона дар асоси «буҷаи ташаббускор» анҷом дода мешаванд, барои боз ҳам беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақа хидмат мекунанд.***

## ТАЪМИНОТИ БАРҚ БЕҲТАР МЕШАВАД

Маълум шуд, ки дар ин лоиҳа сокинони маҳаллаи «Сӯхобод» фаъолона иштирок намуда, ташаббусҳои зиёди онҳо дар байни ҷолибон ҷой гирифтаанд.

– Сокинони ин мавзеъ, аз мушкилии таъмини барқ азият мекашиданд. Ин боиси эътирози ҳақиқии аҳолии «Сӯхобод» мегардид. Раванди «буҷаи ташаббус» роҳи ҳалли ин мушкилотро пайдо намуд, – мегӯяд бо хушҳолӣ ҳокими ноҳия Субҳонҷон Солиев.

Ба таъкиди ӯ татбиқи ташаббуси бо неруи барқ таъмин намудани сокинони маҳалла 1 миллиарду 200 миллион сӯмро тақозо менамуд, ки аллакай ин маблағ аз буҷаи ноҳия ихтисос дода шуд. Бар асоси ин маблағ ба насби трансформатор ва сутунҳои замонавии барқ кайҳо оғоз бахшида шудааст.

– Кор дар ин минтақаи ноҳияамон бо ҳамин анҷом нахоҳад пазируфт. Пас аз ба охир расидани корҳои таъмину танзими барқи «Сӯхобод» насби трансформаторҳои наву замонавӣ дар он ҷо идома хоҳад кард. Аллакай натиҷаи корҳо ба назар намоён аст ва бо неруи барқ таъмин намудани аҳолии тамоми минтақаҳои он дар зудтарин фурсат ба охир расонида хоҳад шуд, — изҳор медорад Субҳонҷон Солиев.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## МАҚСАДУ ЛОИҲАҲОИ НАВ АМАЛӢ МЕГАРДАНД

*Сад фоизи маҳсулоти корхонаи хориҷии «Рунамтекс»-и воқеъ дар ноҳияи Тӯрақӯрғони вилояти Намангон ба хориҷ содир мегардад. Корхона ба истеҳсоли дастпоккун, рахти хоб ва дигар маҳсулоти трикотаж ихтисосонида шуда, ҳамкорӣ самараи хуб медиҳад. Соли 2021 4,5 миллион долларина маҳсулот содир шуда бошад, соли гузашта он 6,5 миллион долларро ташкил дод.*

*Ин ҷо дар асоси барномаи «20 ҳазор соҳибкор – 500 ҳазор мутахассиси соҳибмалака»*

*700 ҷойи нави корӣ созмон дода шуд. Корхона мономарказ ташкил намуд, ки дар он коргарон касб меомӯзанд ва соҳиби таҷриба мегарданд. Баробари ин бар ивази 3 миллион доллар сармоя дар минтақаи саноати хурди «Ёшлар» лоиҳаи нав ба кор даровард шуд.*

*– Нақшаҳоямон калон, болои лоиҳаҳои нав кор мебарем. Ҳудуди географии ҳамкорон васеъ мегардад. Ояндаи наздик ин ҷо ба мақсади ба роҳ мондани таълими дуалӣ маркази таълим низ фаъолияти худро оғоз менамояд, – мегӯяд иҷрокунандаи вазифаи директори корхона Маҳфуза Гюмюш.*

***Дар суратҳо:*** *дар корхонаи хориҷии «Рунамтекс».*

***Суратгир:***
***Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

## ДАР БОРАИ КУШОИШИ ҶАМЪОМАДИ УМУМИИ ЧИЛУ СЕЮМИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

Ҷамъомади умумии чилу сеюми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон 4 августи соли 2023-юм соати 10:00 дар толори ҷамъомадҳои Сенати Олий Маҷлиси шаҳри Тошканд кори худро оғоз мекунад.

Пешбинӣ шудааст, ки ҷамъомади умумӣ 4-5 августи соли равон дар шакли видеоконфронс гузаронида шавад.

Ҷамъомади умумӣ бевосита аз тариқи шабакаи Сенат дар YouTube намоиш дода мешавад.

**ЎзА**

## КОҲИШИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ – МАСЪАЛАИ МУҲИМ

***Дар ноҳияи Риштон бо иштироки муовини Нахуствазир Ҷамшед Қӯҷқоров бахшида ба татбиқи барномаи «20 ҳазор соҳибкор – 500 ҳазор мутахассиси соҳибихтисос» ҷамъомади васеъ баргузор гардид.***

Дар ин ҷамъомад роҳбарони тамоми идораву ташкилотҳо ва бонкҳои тиҷоратӣ, ҳокимони шаҳру ноҳияҳо, масъулини идораҳову ниҳодҳои дахлдор, соҳибкорон ширкат намуданд.

Масъалаи асосӣ иҷрои Барномаи давлатии бинобар фармони Президент «Дар бораи чорабиниҳо оид ба ташкили ҳамкории мутақобилан судманд бо сохторҳои соҳибкорӣ ҷиҳати паст кардани сатҳи камбизоатӣ» ба доираи баҳсу баррасӣ кашида шуд ва перомуни он фикру ақидаҳои зиёд иброз гардид.

Пеш аз ҳама, дар ҷамъомад ҳамон маънӣ зикр гардид, ки дар асоси фармони мазкури Президент ба масъалаи ба сатҳи нав баровардани раванди мубориза бо камбизоатӣ ва ҷалби субъектҳои соҳибкорӣ ба ин раванд таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Инчунин дар заминаи ҳамкориҳои судманд фароҳам оварданӣ шароити мусоид низ ҳамчун масъалаҳои муҳими рӯз муҳокима карда шуд.

Муовини Сарвазир ба иштирокчиёни ҷамъомад маълум кард, ки зимни мулоқот бо соҳибкорони фарғонагӣ аз мушкилиҳои мавҷудаи онҳо хабардор гардид, доир ба пешниҳоду ташаббусҳое, ки тибқи тартиби муқарраршуда сурат гирифтанд, расонидани кумакҳои бевосита ба нақша гирифта шуданд. Инчунин ба масъулини идораҳои дахлдор ҷиҳати муайян намудани роҳҳои ҳалли як қатор масъалаҳои дигар супоришҳои мушаххас дода шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## «ШИРИНИҲОИ ФАРЗОД»

***Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Ширинихои Фарзод» дар маҳаллаи Яшнободи ноҳияи Қизилтепаи вилояти Навоӣ таъсис ёфта, ба фаъолияти истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ машғул аст.***

ҶММ соли 2018 фаъолияти истеҳсолии худро оғоз намуда, дар он се нафар фаъолият доштанд. Дар ибтидо асосан торт ва печене, аз ҷумла, 15 намуд маҳсулоти қаннодӣ истеҳсол карда мешуд.

– Бо мақсади васеъ намудани сатҳи фаъолият, баланд бардоштани сифати маҳсулот бояд технологияҳои нави замонавӣ меовардем. Ба ин мақсад, – мегӯяд роҳбари ҶММ Фаёз Тӯраев, – дар соли 2019 бо миқдори 250 миллион сӯм аз муассисаҳои молиявӣ кредит гирифта, аз хориҷ 3 дона технологияи хамиртайёркунии энергияи барқиро камсарфкунанда оварда таҷҳизонидем. Дар айни вақт ҷуз ширинӣ, ҳамчунин беш аз 40 намуд маҳсулоти хамирӣ чун самбӯса, фатир, ҳар гуна хӯрокаҳо тайёр мекунем.

Маҳсулоти қанодии «Ширинихои Фарзод» натанҳо дар ноҳияи Қизилтепа, балки дар вилоятҳои Самарқанд, Қашқадарё ва Бухоро харидорони худро пайдо кардааст. Дар асоси фармоиш ба он манзилҳо маҳсулот расонида мешавад.

Бино ба нақли соҳибкор ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда мувофиқи талаби мизоҷон каму зиёд мешавад. Дар фасли тобистон дар як шабонарӯз 300-400 кг. маҳулот истеҳсол шавад, фасли сармо беш аз як тонна маҳсулоти қаннодӣ истеҳсол карда мешавад.Фасли гармо нигоҳ доштани маҳсулоти қаннодӣ душвориҳо дорад, ҳамчунин талаб ҳам кам аст. Аз ин сабаб сафи коргарон ҳам тағйир меёбад. Агар фасли гармо 25 нафар коргар кор кунад, фасли сармо ин миқдор 40-45 нафарро ташкил медиҳад.

Имрӯз дар ҷамъият барои 40 нафар ҷои кор омода буда, бештар бекорон ва зан-духтарон меҳнат мекунанд.

– Ния дорем, – суханашро идома дод Фаёз Тӯраев, – дар оянда ҳаҷми фаъолиятамонро боз васеъ намуда, талабгоронро бо маҳсулоти хушсифати қаннодии арзон қонеъ намоем. Мақсади мо таъмини фаровонии мизоҷон мебошад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

***Дар вилояти Навоӣ ба таъмини иҷрои қарори Президент, аз 31 январи соли 2023, «Дар бораи чораву тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳибкории оилавӣ» корҳои назаррас роҳандозӣ карда мешавад. Ин қарор ба рушди соҳибкории оилавӣ, таъмини аҳолии камбизоат бо корҳои доимӣ ва мавсимӣ, дарёфти даромади иловагӣ, ташаккули анъанаи «Устоду шогирд» кумак мекунад.***

# ҲУНАР ОМӮЗ, К-АЗ ҲУНАРМАНДӢ...

Ҳунару ҳунармандӣ анъанаи бостонии миллӣ мебошад. Дар ин самт таъмини фаъолнокии занону духтарони хонанишин мадди назар аст. Ба рушди ҳунармандии дастӣ дар вилоят эътибори ҷиддӣ дода шудааст.

Иттиҳодияи «Ҳунарманд»-и вилоят то 1 майи соли 2023 1147 нафарро муттаҳид намудааст. Зан ва духтарони ноҳия ва шаҳрҳои вилоят аз рӯйи 34 лоиҳаи ҳунармандӣ фаъолият пеш мебаранд. Мутобиқ ба қарори Президент, аз 28 ноябри соли 2019 «Дар бораи чораю тадбирҳои дастгирӣ ва боз ҳам рушд бахшидан ба соҳаи ҳунармандӣ» «Каталоги миллии устоёни санъати амалии халқ» ташкил карда шуд. Ба 6 нафар занони ҳунарманди собиқадоре тачрибанок, ки вориди каталоги миллӣ мебошанд, 203 нафар занону духтарон дар асоси анъанаи «Устоду шогирд» вобаста карда шудаанд. Мисолан, Гулмира Исломоваи нуратоӣ 95 нафар занону духтарони ҳаваскори дӯзандагиро дар маҳфили худ гирд овардааст. Кашидадӯзиву зардӯзӣ аз анъанаҳои қадимаи нуратоиён буда, аз насл ба насл гузаштааст. Ва имрӯз аз нав эҳё мегардад.

Адолат Ҷалиловаи хатирчигӣ бошад, 39 нафар занону духтарони гилембофро дар гирди худ ҷамъ овардааст, ки шогирдони ӯ ҳамаи амалиётро дастӣ иҷро мекунанд. 20 нафари онҳо ҷавонон мебошанд. Фаъолияти маҳфили Зиннат Муқимоваи зарафшонӣ ба дӯхти либосҳои миллӣ тахассусонида шудааст. Ӯ ба 24 нафар занону духтарони хонанишин асрори дӯхти либосҳои миллиро меомӯзад. Маҳфили Фотима Ҳамроеваи учқудуқӣ ба истеҳсоли пойафзори миллӣ тахассусонида шудааст. Ӯ 14 нафар бекоронро бо кори доимӣ таъмин намуда, асрори касби дӯхти пойафзори миллӣ ба шогирдон меомӯзад. Ба ривоҷи соҳа дар ноҳия ашёи хом фаровон аст. Аҳолӣ асосан ба чорвопарварӣ машғул мебошанд.

– Зимни ривоҷ додани соҳоти ҳунармандӣ дар вилоят то 1 майи соли 2023 495 нафар устоёни ҳунарманд 1900 нафар шахсони камбизоат ва бекоронро дар атрофи худ гирд овардаанд. 196 нафар усто ба 934 нафар шогирд асрори касби худро ёд медиҳанд. Дар натиҷа дар вилоят 5642 нафар шаҳрванд бо шуғл фаро гирифта шуданд, – мегӯяд сарвари Иттиҳодияи вилоятии «Ҳунарманд» Ҷамшед Ҷумъаев. – Боиси қайд аст, – мегӯяд ӯ, – Иттиҳодияи вилоятии «Ҳунарманд», дар айни ҳол 1147 нафар аъзо дорад, 954 нафари онҳоро занону духтарон ва 356 нафарро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Ҳунармандӣ таърихӣ қадима дорад. То солҳои 70-уми асри гузашта сӯзаниҳои дастдӯхти ниёкон девори хонаҳоро оро медод. Дастрӯмолакҳои бофтаву дӯхтаи духтарони тӯйшавандаро домод ва дӯстони ӯ интизорӣ мекашиданд. Гирдогирди он аз риштаҳои гуногун тор метаниданд. Аз латтапораҳо қурқдӯзии модарон ҳамон дар ёд. Намунаи он шоҳкориҳои санъати миллиро танҳо дар музейҳо медидем. Солҳои охир ин ҳама анъанаҳои ҳунармандии миллӣ ба фаромӯшӣ расида буд. Хушбахтона, Истиқлолият ба эҳёи он анъанаҳои мондагор имкониятҳои нав ба нав боз намуд. Хуб фармудаанд:

*Ҳунар омӯз,*
*к-аз ҳунармандӣ,*
*Даркушой кунӣ,*
*на дарбандӣ.*

Ҳунарманд ҳеч гоҳ хор намешавад. Ризқи пурраву рӯзгори фаровон дорад. Дар қадим ҳамин тавр буд ва имрӯз ҳам чунин аст. Гулбаҳор Йӯлдошеваи карманагӣ чаҳор духтар дорад. Ба онҳо аз ҷавонӣ дӯхтудӯзро омӯхтааст. Лобар байни онҳо хушёру чолок буд ва ба дӯхту дӯз меҳри беандоза дошт. Рӯйи латапораҳо нақшҳои гуногун медӯхт. Ин гуна фаъолият ба машғулоти рӯзмарраи ӯ табдил ёфта буд. Амалисозии тадбирҳои аз ҷониби давлат таҳияву дастгиришуда Лобар Йӯлдошеваро илҳоми нав бахшид. Ӯ соҳибкории оилавиро ба роҳ монд. Ошёнаи якуми бинои идораи Иттиҳодияи вилоятии «Ҳунарманд»-ро ба иҷора гирифт. Коркарди шаш намуди ҳунари мардумиро роҳандозӣ намуд. Омодасозии кӯрпаву болишт, кӯрпача, ҷомадӯзӣ, таҳияи анҷомҳои гаҳвора, кашидадӯзӣ, қурқдӯзӣ ва сохтани ҳар гуна асбобҳои ороиширо ба роҳ монда, бозори дохилиро бо маҳсулот таъмин менамояд. Аллакай намунаҳои санъати ҳунармандиро ба Покистон ва Ҳиндустон экспорт менамояд.

Лобар Йӯлдошева ният дорад ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандиро васеъ намояд, сифати он боз ҳам хубтару бозоргир гардад. Бо мақсади омода намудани ҳунармандони моҳир дар назди соҳибкори оилавӣ беш аз 40 нафар хоҳишмандон асрори ҳунар меомӯзанд. Анъанаи «Устоду шогирд» хуб ба роҳ монда шудааст. Беш аз 10 нафар занону духтарон, ки шомили дафтар буданд, бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардидаанд. Лобар ният дорад, ки ояндаи наздик беш аз 100 нафар занону духтаронро бо кори доимӣ таъмин намояд.

Фирдавсӣ фармудааст:

*Куҷо беҳунар шуд*
*асири ниёз,*
*Ҳунарманд ҳар ҷо бувад*
*сарфароз.*

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

*Варзишгари фарғонагӣ Людмила Элефтериадӣ дар чемпионати Осиё байни ҷавонон ва наврасон аз рӯи атлетикаи вазнин, ки дар Ҳиндустон баргузор мегардад, бо медали тилло чемпиони қитъа гардид. Людмила, ки аз рӯйи вазни 59 кг байни ҷавонон шарафи ватанамонро ҳимоя намуд, дар машқи даст бардоштан бо натиҷаи 79 кг медали биринҷӣ, бо усули теладиҳӣ бошад, бо натиҷаи 98 кг медали нуқраро ба даст даровард. Назар ба натиҷаи ду қувваозмоӣ варзишгарамон бо натиҷаи 177 кг ҷойи якумро соҳиб шуда, чемпиони Осиё гардид.*

# ИСТЕҲСОЛИ РАНГҲОИ ПИГМЕНТИИ ОКСИДИ ОҲАН БА РОҲ МОНДА ШУД

***Партов ба табиат зарар меоварад, аммо агар дубора мавриди коркард қарор дода шавад, ба кони фоида табдил меёбад. Фаъолияти ҶММ «Future Paints Plant», ки дар ноҳияи Пискент сохта шудааст, маҳз дар асоси технологияи муосир барои коркарди партови оҳан ва истеҳсоли пигментҳои дорои оксиди оҳан пешбинӣ шудааст.***

Пигменти оксиди оҳан дар истеҳсоли лак, сафол, маҳсулоти бофандагӣ ва маснуоти оҳану бетонӣ васеъ истифода мешавад. Ҳоло истеҳсоли ин маҳсулот, ки дар ноҳияи Пискент рӯ ба оғоз овардааст, аз чиҳати сифат дар Осиёи Марказӣ ягона мебошад.

Барои иҷрои ин лоиҳа дар маҷмӯъ 16 миллион доллари ИМА масраф шуда, сармояи хориҷии аз Чин ҷалбгардида 2,3 миллион долларро ташкил менамояд.

– Ҳамзамон 60 нафар ҷавонони маҳаллӣ дар сохтмон ва 120 нафар дар истеҳсолот ба кор ҷалб карда шуданд. Корхона бо иқтидори пурраааш кор карда, дар як шабонарӯз 20 тонна маҳсулот истеҳсол менамояд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти солонаи он ҳудуди 7 ҳазору 200 тонна буда, дар болоравии иқтисодиёти мамлакат хеле мусоидат хоҳад кард. То ҳамин давраи соли 2023 тақрибан 3 миллион доллари ИМА маҳсулот содир шуд, – мегӯяд сармуҳандиси корхона Олим Сулаймонов.

Ба таъкиди ӯ аз оғози фаъолияти ин корхона муддати зиёд нагузашта бошад ҳам, айни замон пигментҳои тайёри баландсифат ба кишварҳои ИДМ – Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, инчунин кишварҳои дигар, мисли АМА ва Туркия содир мешаванд.

Корро дар се смена ташкил кардааанд. Ба манзури пешрафти кор коргарон бо нақлиёт ва хӯрок таъмин карда шудаанд.

– Мо бештар аз ҳама ба масъалаи ҷалби коргарон аз ҳисоби намояндагони аҳолии маҳаллӣ диққати махсусро нигаронидаем ва ин натиҷаҳои хуб ба даст меоварад,– изофа менамояд О. Сулаймонов.

Он нукта мусаллам аст, ки ҳоло чун чанд даҳсолаи пеш партови гуногун на ба партовгоҳҳо интиқол дода мешаванд, балки аз ин партов корхонаҳои гуногун босамар истифода мекунанд.

– Бемуҳобот, дар корхона аз ашёи хоме истифода сурат мегирад, ки аҳолӣ онро қаблан ба партовгоҳҳо интиқол медод. Аммо ҳоло шароит фароҳам оварда шудааст, ки онҳо ҳамаи металлҳои сиёҳ ва рангаро ба ин корхона оварда месупоранд ва аз ин ҳисоб низ даромади иловагӣ ба даст меоранд, – тазаккур медиҳад О. Сулаймонов.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

**ПАНЕЛҲОИ ОФТОБӢ – ОМИЛИ САРФАКОРӢ**

*Бино ба қарори Президент « Дар бораи минбаъд такмил додани амалиёти буҷети ташаббускор ва чораҳои дастгирӣ намудани маҳаллаҳои фаъол», аз 10 апрели соли 2023, маркази тиббии илмиву амалии ба онкология ва радиологияи ихтисосонидашудаи ҷумҳурӣ ба лоиҳаи беҳтар намудани пойгоҳи моддиву техникии филиали вилояти Хоразм, инчунин ба ҳаридани панелҳои офтобӣ 500 миллион сӯм маблағ ҷудо кард.*

*Дар чаҳорчӯби лоиҳа аз тарафи ҶММ «Chartak business class» ҷараёни ба муассисаи тиббӣ васл намудани панелҳои офтобӣ дар муддати кӯтоҳ ба охир расид. Ин бошад, имкон медиҳад, ки дар як ҳафта 1000 кВт ва дар як рӯз 166 кВт зиёд энергияи барқ сарфа карда шавад.*

***Дар сурат:*** *дар филиали вилояти Хоразми маркази тиббии илмиву амалии ба онкология ва радиология ихтисосонидашудаи ҷумҳурӣ.*

***Суратгир: Б. САИДОВ. (ЎзА).***

# ДАР ЯККАБОҒ СОХТМОНИ БИНОҲОИ НАВ ИДОМА ДОРАД

***Бо баробари зиёд гаштани шумори сокинони шаҳру ноҳияҳо талабот ба масканҳои замонавии таълиму тарбият низ меафзоянд. Ин аст, ки ҳукумати ҷумҳурӣ тарҳҳои гуногунеро рӯйи даст гирифта ва аз ҳисоби буҷаи давлат маблағгузорӣ мекунад.***

Масалан, дар ноҳияи Яккабоғ сохтмони чандин бинои мактабҳои миёна ва муассисаҳои томактабӣ оғоз гардида, интизор меравад, то охири соли равон ба истифода дода шаванд. Аз ҷумла, дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Наврӯз» бинои дорои 240 ҷойи таҳсил бунёд меёбад, ки ба мактаби рақами 104 мутааллиқ аст. Барои сохтмони ин бинои иловагии мактаб 2 миллиарду 500 миллион сӯм маблағ ҷудо шудааст. Дар маҳаллаи «Айғиркӯл»-и ноҳияи Яккабоғ мактаби нави замонавие қад рост мекунад, ки 330 ҷойи таҳсил хоҳад дошт ва ин дабистон дар асоси технологияи нав бунёд ёфта, бо тамоми таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз хоҳад шуд. Ҳукумати ҷумҳурӣ барои сохтмони бинои мазкур ҳудуди 16 миллиард сӯм маблағ сарф мекунад. Инчунин дар маҳаллаи мазкур як муассисаи томактабӣ низ қад хоҳад афрохт, ки дорои 120 ҷой аст ва қимати умумии бинои ин кӯдакистон 6 миллиарду 700 миллион сӯм арзёбӣ мешавад.

Бояд таъкид кард, ки ҳукумати ҷумҳурӣ солҳои охир ба таълиму тарбият дар мактабу боғчаҳо эътибори ҷиддӣ медиҳад ва хеле хушбин аст, ки насли наврас дар масокини ҳарчи беҳтару хуштари ҷавобгӯ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ таълиму тадрис бигиранд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Қашқадарё.**

# УСТОИ СОҲИБНОМ

**(Лавҳа)**

Аз теғаи кӯҳи Темирсандуқ вуҷуди заррини офтоб падидор гашта, ҳаётро дар ин музофот ба ҷӯш меовард.

Вақте мо вориди ҳавлии Усто Камол шудем, ӯро дар айвон дидем, ки сутунвор қад кашида, нигоҳи хаставу андешамандаш ба дуриҳо дӯхта шуда буданд.

– Ман дигар фармоише қабул намекунам, бародар. Айб накунед! Пир шудаам, қувватам намерасад, ки корҳои душвори дуредгариро хуб ба сомон расонам, – гуфт ӯ пас аз салому алейк.

Чун фаҳмид, ки мо корфармо не, балки корманди рӯзномаи ҷумҳуриявӣ ҳастему муродамон навиштани лавҳае аз рӯзгори ӯст, олами дилаш гӯё чароғон шуд.

– Э ман қурбони шумо! Номи мана дар «газит» мебароред? Ҳамин устои акнун фартутро-а!

– Албатта!

– Э ман фидои ҳамзабонон! Фикр карда бинам, умрам бино шудаву ҳариб шаст сол дуредгарӣ карда, аз ягон ташкилот ба арзи сипос як пора коғаз нагирифтаам, ё ҳамин Усто Камол ҳам одами хуб гуфта, «Ташаккурнома» надодааанд. Ана дар гашти умр номи ман дар «газит» мебарояд. Ин аз сад туҳфа баландтар. Ман садқаи ҳар қадами шумо…

Усто Камол риши барфсон сафедашро қабза мекарду аз нав раҳо менамуд, вуҷудаш аз ифтихор пур шуда буд, ки дона-дона ашкҳои чашмонаш бари рухсори пурожангашро тар мекарданд. Вай дар ин субҳи босафо, ки офтоб навакак рӯ кушодаву ба ҳусни табиати кӯҳистон ҳусн меафзуд, чаманвор шукуфта, хаёле қомати пиронааш рост шуд ва гӯё як ваҷаб сабзид.

Усто Камол дар бораи рӯзгораш ҳикоякунон, моро ба устохонаи худ ҳидоят намуд. Онҷо маҳалли користонро мемонд. Гуна-гуна асбобҳои корӣ, дастгоҳҳои барқӣ… Усто ҳар кадоми онҳоро, ки аз барои амалеву соҳае сохта шудаанд, ба даст мегирад ва аз нигоҳи пурмеҳраш аён аст, ки чӣ қадар дӯст медорад ва ба ҳар кадом меҳру муҳаббати алоҳидае дорад. Мушоҳида кардам, ки ангуштони Усто Камолро доғу захмҳои бисёре «оро» медиҳанд. Вай аз нигоҳи мо рамуз бардошта, гуфт, ки ин ангуштон фидои касб шудаанд ва ҳар кадом таърихчае доранд.

Хонаву дари ӯ ҳамранги манзилҳои аҳли гузар буда, одиву фақирона ба назар мерасад. Аммо аз сирати ин марди ҳунар дарёфтам, ки дили покизаву хӯйи хуби инсонӣ дорад, гуфтору рафтораш аҷаб самимӣ ва саршор аз меҳр аст. Аслан мардуми кӯҳистон сода дил ва беғуборанд, кас аз суҳбати онҳо сер намешавад.

Вақте дар дафтари қайдҳои худ, шунидаҳоямро менавиштам, бо як гӯшаи чашм дидам, ки Усто Камол ба дарёи хаёл ғӯтида буд, шояд панҷ писари худро ба ёд меовард, ки низ касби падар омӯхта, ҳоло дар кадом як шаҳри Русия бо дуредгарӣ машғуланд. Рустам, Ӯктам, Ӯткур, Рамазон ва Улаш ном доранд писарони ӯ, ки асрори ин пешаро аз падар омӯхта, дуредгар шудаанд. Назар ба нақли муйсафед ӯ чандин бор хоҳиш кардааст, ки ба мулки бегона нараванд, дар деҳа ҳам кор бисёр аст. Онҳо сад ваҷҳ оварда Устои пирро мутмаин сохтаанд, ки дар Русия музди беҳтар медиҳанду дар Боғучорбоғи мо чунин даромад ҳатто дар хоби устоҳо намедарояд. Аммо ба фикри Усто Камол оби дари хонаро қадр накардан кори хубу сутуданӣ нест. Вай аз он дар тааҷҷуб монда, ки аксар ҳунармандон тарки ватан мекунанду кишвари бегонаеро обод. Ҳоло дар Боғучорбоғ танҳо устоҳои калонсол мондаанд, ки хидмати мардумро алоқадри ҳол ба ҷо меоранд.

Усто Камол Рачабов 77 сола аст. Вай 10 майи соли 1946 ба дунё омад, дар ҳамин ҷо – деҳаи Боғучорбоғи ноҳияи Деҳқонбод. Падарашро Рачаб, модарашро Эрка мегуфтанд. Онҳо ӯро ба дунё оварда, пасон ба кадом сабабе аз ҳам ҷудо шудаанд. Ҳамин ҷо то соли 1972 ба шогирдон ҳунари дуредгариро омӯзонд, сипас мудири хоҷагӣ таъин гардид, ҳамзамон ҳунари корҳои дуредгариро иҷро кард. Соли 1979 «Бошчорбоғ» аз таркиби хоҷагии ба номи Усмон Юсуфов баромада, хоҷагии мустақил шуд. Усто Камол дар хоҷагии навбунёд то соли 2006 чун дуредгар кор карда, ба нафақа баромад. Ҳамдеҳагон Усторо ба ҳолу ҷонаш намонда, раиси тадбирҳои ҷашнҳо ва тӯйҳои гузари Айнии Боғучорбоғ таъин карданд, ӯ 7 сол ин вазифаро бо сидқи тамом баҷо овард.

Аммо айни ҳол Усто Камол қоил аст, ки пирӣ дигар имкон намедиҳад ҳоҷати мардумро пурра бароварда созад. Аз ин хотир на ҳама фармоиши ҳамдеҳагонро қабул мекунад.

Вай мегӯяд, бигзор акнун устоҳои моҳиру чирадаст аз қабили Исҳоқ Ҳамдамов, Нуралӣ Усмонов, Абдувалӣ Нодиров ва Рӯзимурод Аннаев, ки шогирдонаш мебошанд, кори ӯро идома диҳанд. Боз дар Боғучорбоғ Ашурқул Ҷӯраев, Сайлав Ҷӯраев барин устоҳои номдор ҳам ҳастанд, ки дар кори дуредгарӣ аз ӯ мондани надоранд. Ҳоло мушкилкушои корҳои сохтмони мардуми Боғучорбоғ ҳамин устоҳои овозадор ба шумор меоянд.

Усто Камол Рачабов мегӯяд, ки ҳангоми иҷрои кори мардум нархи алоҳида нагузоштааст, ҳарчи онҳо чун подоши хидмат ва ҳунараш додаанд, ба дида молида, ба хона овардааст. Агар касе бар ивази кор маблаге надода бошад ҳам, хафа нашудааст. Барҳакс, чун тӯшаи охират (кори савоб) қабул кардаву ба зиндагии худ идома додааст.

Дидем, ки дар хонаи Усто Камол як ҷувози равғанкашӣ ҳам ҳаст. Ин ҷувозро худи Усто сохта, солҳои зиёде аҳли деҳаро бо равғани заҳир таъмин кардааст. Замоне талаботи мардум ба равғани ҷувоз зиёд буд. Ҳоло ин ҷувози Усто низ чун анҷому асбобҳои дигар моли таъриҳ шудаанд. Аммо номи Усто Камол дар қалби мардуми баори Боғучорбоғ боқӣ хоҳад монд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»,**
**дар вилояти Қашқадарё.**

# ШАҲСУТУНҲОИ ПУЛИ ДӮСТӢ

Шахсони шинохтаи ҳар як халқу миллат дар ибтидо ифтихори ҳамон халқу миллатанд, сипас боиси тафохури дигар мардуми гуногунзабону гуногуннаҷод. Онҳо муаррифгарони мардуми хеш дар арсаи ҷаҳон мебошанд. Дар ин ҷараён намояндагони адабиёт ва санъат ва дар замони мо варзиш саҳми бештар доранд. Шиори «Дӯстии адабиётҳо – дӯстии халқҳо» дар ҳамин замина вирди забонҳо гардидааст.

Эътирофи одилонаи комёбиҳоии фарҳангиву мадании як халқ аз ҷониби намояндаи қавми дигар низ нишонаи дӯстӣ ва адолати таърихист. Ин таҷриба дар адабиёти мумтози Шарқ хеле равшан зуҳур кардааст, ки метавонад ба намояндагони адабиёт ва санъати мардуми минтақа сабақ гардад. Ҳар боре «Қутадғу билиг»-ро варақгардон мекунам, нисбати муаллифи он Юсуф Хос Ҳоҷиб эҳтиромам меафзояд. Дар осори ӯ маданияту маърифати мардуми тоҷик оқилонаву одилона эътироф ва васф гардидааст. Ин эътироф аз қадимияти таърих, дорои маънавияту маърифати ғанӣ ва пешоҳанг будани мардуми тоҷик дар Варорӯд дарак медиҳад.

*Тожиклар китобда битишган*
*буни,*
*Битигда бўлмаса, ким ўқар уни?*

(«Қутадғу билиг», Тошканд, «Ўзбекистон», 2019, саҳ. 20.)

Яъне, тоҷикон инро дар китоб навиштаанд, агар навишта намешуд, онро кӣ мехонд?

Бешубҳа, муаллиф арзишҳои олӣ чун дӯстию рафоқат, ҳурмату эҳтиром, некию накӯкорӣ, созандагию бунёдкориро, ки порсизабонҳо тӯли таърих дар китобҳо сабт кардааанд он ба ташаккули маънавияту маърифати халқҳои дигар замина гардидааст, дар назар дорад. Дар такомулёбӣ ва ташаккули арзишҳои олӣ саҳми чеҳраҳои шинохтаи ҳар қавму қабила бузург аст. Эъломияи таърихии Куруши Кабирро пеши назар биёред, ки мардуми ҷаҳонро ба ҳамдилию бародарӣ, дӯстию ҳамзистии осоишта даъват менамояд. Ё ҳуд ин сатрҳои машҳури саромади адабиёти форсиву тоҷикӣ Одамушшуаро Рӯдакиро:

*Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,*
*Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.*

Чун ин байтро ба забон мебарам, симои ду чеҳраи тобони асрҳои миёна, намояндагони машҳури адабиёти тоҷику ўзбек Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ пеши назарам ҷилвагар мегардад. Хушбахт будааанд онҳое, ки дар суҳбати ин ду тан ҳузур доштааанд. Дар суҳбатҳои самимию фараҳбахш.

Академики Академияи илмҳои миллии Тоҷикистон Абдуҷаббор Раҳмонзода барҳақ менависад: «... ҳамкориҳои эҷодию адабии онҳо (Ҷомиву Навоӣ) намунаи беназири дӯстии халқҳо ба шумор меравад. Ин ду мутафаккир дар таҳкими робитаҳои адабӣ нақши арзишманд гузошта, дӯстии халқҳои тоҷику ўзбекро ба сатҳи комилан нав бардоштанд ва бо осори гаронбаҳои худ хазинаи адабиёти ин ду халқро ғанӣ гардониданд. Ихлосу эҳтиром ва муҳаббату самимият миёни ин шахсиятҳои ирфонию адабии садаи XV ба ҳадде сабақомӯз будааст, ки сарчашмаҳои таърихии замонашон на танҳо бо ифтихор, балки бо ҳайрат аз ин муоширату муносибат ёдоварӣ кардааанд». (А. Раҳмонзода. Робитаҳои адабию фарҳангии халқҳои тоҷику ўзбек. Душанбе, «Шарқи озод», 2018, саҳ. 5).

Ин ду шахсияти барҷастаи таърих ба пули дӯстии халқҳои тоҷику ўзбек асоси мустаҳкам гузошта аанд. Ин дӯстӣ дар тӯли таърих боз ҳам ташаккул ва такомул ёфт.

Алҳол дар рушди робитаҳои санъати сароядаги тоҷику ўзбек хидмати ду симои барҷастаи олами санъат Ҷӯрабек Муродов ва Шералӣ Ҷӯраев шоистаи таҳсин аст. Аз муносибатҳои дӯстонаи онҳо ҳамаро ҳавас меояду дилҳо масрур мегардад. Рафоқати дӯстонаи ин ду сароядаи мумтоз сабақест ба ҳамзамонон ва пасовандон. Борҳо мушоҳида кардаем, ки ҳангоми ҳунарнамоии онҳо аҳли толор ба ваҷд меоянд, кафкўбиҳои бепоён шаҳодати ҳол мебошанд.

Роҳбарони давлат ҳам дар таҳкими дӯстиву бародарӣ мақоми хос доранд. Назари некбинонаву дурандешонаи Президенти Ўзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки дӯстиву бародарии тоҷикону ўзбекон рӯҳи тоза гирифт ва дар ин самт марҳилаи нави таърихӣ оғоз ёфт Дӯстӣ пару боли тоза пайдо кард. Робитаҳои фарҳангиву маданӣ, илмиву эҷодӣ вусъати бештару беҳтар касб намуданд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ОДАМОН АЗ ДӮСТӢ ЁБАНД БАХТ...

**(Бахшида ба ҷашнвораи Дӯстӣ)**

*Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,*
*Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.*
**Мирзо ТУРСУНЗОДА.**

Дар Ўзбекистони азизи мо бо ташаббус ва сиёсати оқилонаву одилонаи Раисҷумҳур муҳтарам Шавкат Мирзиёев тайи чанд соли охир гузаронидани ҷашнвораи дӯстии халқҳо ба ҳукми анъана даромадааст. Имсол низ ин иқдоми нек дар сар то сари кишвар баргузор шуд. Раиси Маркази миллию мадании тоҷикони Сурхондарё Рамазон Абдуллоев ва узви фаъоли марказ Манзура Абдуллоева дар ҷашни дӯстии шаҳри Тошканд, ки чор рӯз идома ёфт, иштирок намуда, таъкид карданд, ки чунин ҷашн дар шаҳри Тирмиз низ баргузор мешавад ва мо – аъзои марказ дар он бояд фаъол иштирок кунем. Инак, ҷашни дӯстӣ дар боғи «Сарои маданият»-и шаҳри Тирмиз ҳам шуда гузашт. Дар ин базм аъзои марказ, муҳаррири рӯзномаи «Ховар» Олим Панҷизода, ҳофизи хушхон Суҳроб Додоев, муаллими кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз Маҳфират Қурбоналиева ва дигар фаъолон ширкат варзиданд. Дар ҷашн намояндагони миллатҳои тоҷику ўзбек ва туркману рус бо либосҳои миллӣ ва ашёҳои ҳунари миллии худ саҳнаи чорабиниро зебу зиннат бахшиданд. Ташкилкунандагон ва барандагону ҳофизон, намояндагони марказҳои миллӣ бо шеъру сухану сурудҳо дар васфи дӯстиву ватанпарварӣ ва шукронагӣ ҳусни тадбирро афзуданд. Баъди чунин оғози хеле зебову пурмазмун навбат ба барандагони махсуси миллатҳо расид. Ҳар яки онҳо аз номи миллати худ суҳан ронда, тамошобинонро ба ваҷд оварданд. Аз ҷумла, Олим Панҷизода аз номи миллати пурифтихори тоҷик суханпардозӣ кард, бо шеърҳои дилнишин дар мавзӯи дӯстии халқҳо табъи ҳозиринро хуштар сохт. Ӯ суханашро бо шеъри Устод Мирзо Турсунзода «То тавонӣ дӯстонро гум макун» ҳусни матлаъ бахшида, оид ба вазъи имрӯзаи иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон дар Ўзбекистон, аз ҷумла воҳаи Сурхон бо ҷӯшу хурӯш ҳарф зад. Таъкид кард, ки ин имкониятҳо маҳз бо кушодашавии сарҳадҳо ва корҳои оқилонаи раисҷумҳурони Ўзбекистону Тоҷикистон Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон вабастагии қавӣ дорад. Ӯ таъкид намуд, дар замоне, ки дар гӯшаву канори гуногуни сайёра ҷангҳои шадиди миллатгароӣ идома доранд, мо зери осмони мусаффои кишвари озод дӯстона зиндагӣ ба сар мебарем.

Навбат бар рақсу суруд дода шуд. Дар қатори дигар миллатҳо сароядаи овозадори воҳаи Сурхон Суҳроб Додоев низ рӯйи саҳна омада, таронаҳои ноби тоҷикӣ суруд.

**Ҷамшед ҶУМЪАҚУЛОВ,**
**муаллими кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

# ОСОРХОНА ҒАНӢ МЕГАРДАД

***Имрӯзҳо маҷмӯаи ҳадисшиноси бузург Имом Бухорӣ куллан тағйир ёфта, ба зиёратгоҳ табдил шудааст.***

Дар Маркази байналхалқии илмӣ-тадқиқотии он, ки дар Самарқанд таъсис шудааст, як нусхаи нодири ба забонҳои арабӣ ва индонезӣ чопшудаи асари «Саҳеҳ ул-Бухорӣ»-ро, ки дар олами ислом пас аз Қуръони карим ҳамчун дувумин сарчашмаи муқаддас эътироф гардида ва он аз ҷониби доктори улуми исломшиносӣ Али Ҳамдии индонезиягӣ омода шудааст, ҷонишини котиби кулли Созмони Милали Муттаҳид, котиби иҷроияи Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Осиё ва Иттиҳоди Урупо хонум Армида Алишабҳана тантанавор супорид.

Дар тадбир мушовирони Президент Музаффар Комилов ва Хайриддин Султонов, пешвоёни дини ислом дар вилояти Самарқанд, талабагони Маркази байналхалқии илмӣ-тадқиқотӣ дар назди маҷмӯаи Имом Бухорӣ, вакилони расонаҳои хабарӣ низ ширкат варзиданд.

# ТО ҶАВОНИЮ ТАНДУРУСТӢ ҲАСТ...

***Дар Маркази ҷавонони шаҳри Самарқанд вохӯрӣ бо сарвари садорати хизмати бехатарии давлатӣ дар вилояти Самарқанд А. Аҳмадов, ҳокими шаҳри Самарқанд Ф.Умаров, сардори садорати вилоятии Агентии кор бо ҷавонон Ҳ. Тӯхтаев ба вуқӯъ пайваст.***

Нахуст роҳбарони вилоят бо намунаҳои маҳсули меҳнати ҳунармандони насли наврас аз наздик шинос шуданд. Сипас ҷавонон муаммо ва таклифу пешниҳоди худро ба роҳбарон як-як гуфта, барои ҳалли онҳо мадад пурсиданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Фармони Президент – дар амал*

# «ИСТИҚЛОЛРО МЕСАРОЕМ»

***Бо чунин шиор дар қасри «Нурафшон»-и шаҳри Самарқанд зинаи вилоятии озмуни бахшида ба 32-юмин солгарди истиқлолияти кишвари маҳбуби мо баргузор гардид.***

Дар он аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Самарқанд беш аз 200 нафар иҷрокунандагони суруду таронаҳои мардумӣ, ки дар ҳудуди худ ғолиб шудааанд, ширкат варзиданд. Бояд таъкид кард, довталабон мебоист суруду таронаҳои дорои мазмуну мундариҷаи мадҳу ситоиши ватан, таранному дӯстии халқҳо, комёбиҳои солҳои истиқлолият, эҳёи қадрияти миллиро, иҷро кунанд.

– Дар озмун мо сурудҳоро аз «Шашмақом» иҷро кардем, – гуфт роҳбари дастаи ҳунарӣ аз ноҳияи Самарқанд Фозилҷон Очилов.– Боиси ифтихор аст, ки роҳхат ба озмуни ҷумҳурӣ насиба-мон гашт.

Ноҳияи Самарқанд бо иҷрокунандагони суруду таронаҳои мардумӣ шуҳратёр аст. Яке аз куҳансолтарини онҳо Ҷӯрақулбобо Солееви 86 сола мебошад.

Умед дорем, ки дар Тошканд бахт ба рӯйи мо механдад.

Тавре ки сардори садорати фарҳанг ва сайёҳии вилоят Шерзод Эшонқулов хабар дод, ҳоло дар қаламрави Самарқанд қариб 140 хонаи маданият ва 437 дастаи ҳунарӣ фаъолият доранд.

**Ҳ. ЗОҲИР,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Хотира муқаддас аст*

# НОМИ НЕКӮ БУВАД ЁДГОР

Чун 18-уми июли соли 1987-ро ба хотир орам, диламро ғуссаи талх фишор меовараду беихтиёр оҳи бадард мекашам. Зеро пеши назарам симое падидор мешавад, ки дар дил ҳазору як орзуи ширин дошту аз ҳавои беғубори ватани маҳбуб нафаси тоза гирифтан мехост, аммо дар Афғонистон ҳамчун сарбози байналмилал гулгункафан шуда, алъон дар қуттии оҳанин, ки аз Кобул ба сифати «Груз-200» оварда буданд ва вазифаи тобутро иҷро мекард, ба хоби абадӣ рафта буд. Он рӯзи саратон, ҳарчанд ҳаво ниҳоят гарм буд, аз дуру наздик мардуми бисёре ҷамъ омада, қаҳрамонро ба роҳи охирин гусел мекарданд.

Як даста аскарҳои бо автомат мусаллаҳ бо пилки гирифта, маҳзуну хомӯш намегузоштанд, ки волидайну хешу пайвандон ва ёру дӯстон тобути оҳанинро кушода, ўро дафъаи вопасин бинанд.

Чанд нафар аз роҳбарони ноҳия ва комиссариати ҳарбӣ ба инҷо омада, ба падару модари Олег Шариков ҳамдардӣ изҳор карданду корвони мошинҳои гуногун зери мусиқии асбобҳои нафасӣ аз шаҳраки фабрикаи мурғпарварӣ ҷониби қабристони «Братство»-и шаҳри Самарқанд таноби роҳ кашиданд. Баъди баромади вакилони қисми ҳарбӣ ва созмони комсомоли вилоят тобутро ба қабр гузоштанд ва автоматҳо ба «сайр» даромаданд, садои дилхароши онҳо лаҳзае фазои хомӯши қабристонро халалдор кард.

## Дар остони Ҳиндукуш

*Яке зуд созад, яке дертар,*
*Саранҷом бар марг бошад гузар.*
**(Абулқосими ФИРДАВСӢ).**

Олег дар шаҳраки фабрикаи парандапарварӣ (ҳоло Шамсиобод) таваллуд ёфт. Аз бачагӣ бо ҳамсолонаш унс гирифт. Бо онҳо аз паси тӯб метохт, то ба дарвозаи рақиб гол занад. Хуб гитара менавохт, чун захма ба тор мезад, мухлисонаш кафкӯбӣ мекарданд. Олег рустабор буд, вале тоҷикиро хуб медонист. Шояд аз ҳамин сабаб баъди хатми омӯзишгоҳи техникии Самарқанд ва ба даст гирифтани гувоҳномаи ронандаи трактор ўро ба Афғонистон фиристоданд. Аввал дар омӯзишгоҳи ҳарбии Тирмиз рондани танку БТР-ро мукаммал ёд гирифт. Пас аз се моҳ ба Кобул ва бо чархбол ба қисми асосӣ омад, ки дар яке аз ағбаҳои Ҳиндукуш ҷойгир буд...

Хабар расид, ки дар деҳаи ҳамсоя як гурӯҳи калони душманони мусаллаҳ барои ғорат ва харобиҳои навбатӣ ворид шудааанд.

Командири баталион ба хобгоҳи сарбозон даромада пурсид, ки кадоме аз ҳозирон ба разведка меравад. Хобгоҳро лаҳзае хомӯшӣ фаро гирифт. Аввалин шуда Олег аз саф баромад ва ба иҷрои супориш тайёр будани худро эълон кард.

Баъд боз се нафар даст бардошта, изҳор карданд, ки ҳамроҳи Олег Шариков дар амалиёти ҳарбӣ иштирок мекунанд.

Мошини зиреҳпӯш ба роҳ баромад. Субҳидам насими форам рӯю мӯйи ихтиёриёнро нарм-нарм навозиш карда, аҷаб ҳаловате мебахшид. Ҳамсилоҳон ба ҷойи даркорӣ расиданд. Хомӯшӣ ҳукмфармо буд. Вале ногаҳон аз паси санги бузург оташкушоии душманон оғоз ёфт. Дастаи ҳушёр мавқеъро ба нишон гирифт ва баъди муддате боз ҳама ҷо хомӯш шуд. Олег аз паногоҳ баромад, то вазъиятро мушоҳида кунад. Вале аз куҷое тири дайду ба тахтапушташ хӯрд. «Оҳ» гӯён ба замин афтод, дӯстон ўро кашолакунон ба паногоҳ гирифтанд. Аммо вай то ба госпитал расидан аз хунравии зиёд ҷон ба ҷонофарин супурд.

Аз таъзияномаи қисми ҳарбӣ ба падару модари Олег Шариков:

«Муҳтарам Владимир Григоревич ва Тамара Аркадевна!

Писари шумо, аскари қаторӣ Олег Шариков 18-уми июли соли 1987, ҳангоми иҷрои супориши ҷангӣ, қаҳрамонона ҳалок гардид.

Мо дар шахси ӯ рафиқи ҷангӣ, дӯсти беҳтаринро талаф додем. Ба андӯҳи шумо нисбати марги бемаҳали писаратон шарик ҳастем».

## Парвоз ба абадият

*Биё, имрӯз қадри ҳам бидонем,*
*Ки то фардо зи якдигар намонем.*
**(МАВЛАВӢ).**

Моҳи марти соли равон телефони дастиам садо дод, аз он овози шиноси Эркин Мавлонӣ – раиси иттиҳодияи ҷанговарони байналмилал ва ногироҳои «Ветеран»-и вилояти Самарқанд ба гӯш расид, ки аз шаҳри Санкт-Петербург омадани Ирик Букамбаевро хабар медод.

– Аз шумо илтимос, – ниҳоят ба мақсад гузашт вай, – ба мо ҳамроҳ шавед ва дар пайдо кардани қабри Олег Шариков кумак расонед.

Дар қабристони «Братство», ки вакилони миллатҳои гуногун ва хоса ҳарбиён манзили охират ёфтаанд, бо мадади гӯрков Равшанбобо қабри Олег Шариковро ёфтем, ки вазъи табоҳ дошт. Маълум буд, ки қабр солҳои дароз бенигоҳубин мондааст ва санги ёдгорӣ таъмирталаб аст.

Ирик ба Санкт-Петербург занг зад ва аҳволро ба ҳамяроҳони худ фаҳмонд. Дӯстони ҳамсангари Олег маблағ ҷамъ карда, ёдгории нав гузоштанро ба ўҳда гирифтанд.

18-уми июл ба муносибати рӯзи вафоти Олег дар қабристон маросими гузоштани лавҳаи ёдгорӣ ба вуқӯъ пайваст. Ба ҳамин муносибат аз Русия, Қазоқистон, Тошканд, Бухоро, Панҷакент ва дигар шаҳру вилоятҳо меҳмонон омаданд. Раиси иттиҳодияи ҷанговарони байналмилал ва ногироҳои Ўзбекистон Талъат Муродов иброз дошт, ки дар Афғонистон аз кишвари мо як ҳазору сесад нафар шаҳид шудааанд. Яке аз онҳо фарзанди далери Самарқанд, сарбози ба савганди ҳарбии худ содиқ Олег Шариков мебошад. Сад дареғ, ки қисмати талх ўро дар бистсолагӣ аз байни мо бурд. Аз байн солҳо гузашта бошанд ҳам, ҳамсангарон Олег Шариковро фаромӯш накардаанд.

– Барои ман шараф аст, ки дар ин тадбир ширкат меварзам, – гуфт вакили ҳарбии сафоратхонаи Русия дар Ўзбекистон генерал-майор Андрей Киндяков. – Дар Ҷанги дуюми ҷаҳон падарони мо паҳлӯи ҳамдигар ба муқобили душман ҷангида, зафарманд шудааанд. Дар Афғонистон ҳам миллатҳои гуногун чун фарзандони як оила дар набардҳои шадид иштирок кардааанд.

*Банӣ Одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офаринаш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор...*

– Мо ду нафар, – гуфт меҳмон аз шаҳри Санкт-Петербург Геннадий Гончаров, – бо дӯстам Константин Жабинский омадем, ки дар гузоштани лавҳаи ёдгорӣ иштирок кунем. Зеро дар Афғонистон то лаҳзаҳои вопасин ҳамроҳи Олег будем. Ӯ низ чун ҳама инсонҳо зиндагиро дӯст медошт, баҳри боз ҳам зебову пурмазмун кардани он талош меварзид. Вай ҷавоне буд қавипайкар, ситорагарм, чеҳракушод, санъатдӯст. Бо гитара ба русӣ ва тоҷикӣ суруд хонда, ҳамаро ба рақс даъват мекард. Афсӯс, ки ҳамагӣ ду моҳ пеш аз ҷавобшавӣ дар амалиёти навбатӣ дар пеши назари мо ҳалок шуд.

– Додарам ба мо, хоҳарон, – бо ҳасрат лаб ба сухан кушод Лена Владимировна, ки аз Русия омада буд, – хеле меҳрубон буд. Дар лаҳзаҳои душвор кумаки худро дареғ намедошт. Амри тақдир будааст, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди шӯравӣ аз Самарқанд кӯч бастем. Хабари лавҳаи ёдгорӣ гузоштани ҳамсангарҳоро шунида, боз ба зодгоҳ омадем. Аз фурсат истифода бурда, ба ҳомиён миннатдорӣ изҳор мекунем.

Инчунин, собиқ директори мактаби 26-уми ноҳияи Самарқанд Ботур Холёров, раиси шуъбаи вилоятии иттиҳодияи ҷанговарони байналмилали «Ветеран» Эркин Мавлонӣ ва дигарон аз шаҳид ба некӣ ёд карданд.

Сипас, иштирокдорон дар «Хиёбони шаҳидон»-и шаҳраки Гулобод зери муҷассамаи Олег Шариков гулҳои тару тоза гузоштанд.

*Намонад касе дар ҷаҳон пойдор,*
*Ҳама номи некӯ бувад ёдгор!*

**Дилафрӯз ОБЛОҚУЛОВА,**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Ҷавонони мо*

# ОДАМИРО ХУЛҚ ДИЛҶӮ МЕКУНАД...

Муҳаммад Ғаззолӣ доир ба тарбияи фарзанд фармудааст: «Фарзанд амонат аст дар дасти падару модар ва дили фарзанд нафис асту нақшпазир. Ҳар нақше, ки ба ӯ гузорӣ, чун мушк ба худ бигирад ва чун замин пок аст, ба саодати дину дунё расад, падару модар дар он савоб шарик бошанд. Агар тухми бадӣ афканӣ ва ӯро ба ҳолаш гузорӣ ва ба ҳарчӣ хоҳад нишинад, ҳаргиз аз вай умеди некӣ макун».

Омӯзгор Очил Бозоров ва ҳамсари ӯ Шаҳодат Ҳайдарова ба ин гуфтаҳои аллома амал карда, як писару се духтарро некдилу хушгуфтор ба воя расонданд.

– Падарам дар даст асои чӯпонӣ, санги сахроро болин намуда, мо – фарзандонро худ нахӯрдаву напӯшида ростқавлу меҳнаткаш, инсонпарвар ба воя расонд. «Роҳи рост бирав, агарчи дур аст», – мегуфт ӯ. – Баъзан диламро чизе фишор медиҳад, солҳои бачагии мо барои табобату истироҳат дар табобатгоҳҳо шароити кофӣ набуд. Орзу мекардам, ки падару модари заҳматкашам дар табобатгоҳҳо дам гиранд, рафъи меҳнату азияти зиндагӣ кунанд. Имрӯз шароит ҳасту афсӯс, падару модарам нестанд..., – гуфта буд Очил Бозоров дар яке аз суҳбатҳо. – Писарам пешаи шифокориро интихоб намуд. Баъзан нисфи шаб беморон дарвозаро мекӯбанд, ё телефон мекунанд. Обидҷон аз хоби ширин дил канда наметавонад, ҷавон-дия. «Хез, писарам, бемор боумед, мадад пурсида меояд, набояд қасами духтуриро фаромӯш кунӣ», гуфта ба ӯ ҷуввa мебахшам.

– Ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои олӣ ё ба ягон корхона барои кор ариза супурдан, ҳолати оилаамро «зиёӣ» менависам, ки аз ин ниҳоят фахр мекунам. Падарам дастпарвари Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, ба нафақа баромада бошанд ҳам, дар мактаби зодгоҳ (мактаби рақами 30-юми деҳаи Сойихурд) омӯзгор ҳастанд. Модарам ҳамшираи шафқат, шабу саҳар дар хидмати ҳамдеҳагон мебошанд. Падару модар фарҳангдӯст ва китобхон бошанд, албатта, фарзандон аз пайи онҳо мераванд, – мегӯяд писари ягонаи ин оилаи зиёӣ Обид Қӯзиев.

Обид баъди хатми мактаби миёнаи рақами 30-юми деҳаи худ ҳуҷҷатҳояшро ба коллеҷи тиббии Ҷиззах супорид. Коллеҷро бомуваффақият ба охир расонда, барои идомаи таҳсил ба Донишкадаи тиббии Ҷиззах рафт, вале бахташ омад накард. Фаъолияти шифокориро дар зодгоҳи худ ҳамчун фелдшер оғоз намуд.

– Аз хурдӣ ба ин касб шавқ доштам, чунки модарамро медидам, ки хилъати сафед ба бар ба корхона мешитофтанд. Ба дарди мардум марҳам шудан, мушкили онҳоро осон намудан ин бахт аст. Духтурони деҳаҳои дурдаст вазифаи шифокори умумиро бар ӯҳда доранд. Шабу нимишабӣ беморони гирифтори касалиҳои гуногун ба ӯ мурочиат мекунанд, – мегӯяд Обидҷон.

Ҳамин тариқ, Обидҷон аз устодони худ – хоҳарон Шарофат ва Шаҳодат Ҳайдароваҳо, Қумринисо Мансурова, Тоҷибой Тағоев, Усмон Бакриев ва дигарон асрори касб омӯхт.

– Одам, ки калонсол шуд, ба беморӣҳои гуногун дучор шуда, аз саломатиаш шикоят мекардааст. Қариб ҳар рӯз ба қабули шифокор Обидҷон мешитобам. Ӯ беморонро хуш қабул мекунад, муносибати хуб, забони ширин дорад. Фишори хунамро санҷида, доруву гиёҳҳои табобатиро тавсия медиҳад. Тарзи хӯрокхӯрӣ, меъёри он, умуман, оиди тарзи ҳаёти солим маслиҳатҳо медиҳад. Аз ҳоли калонсолон зудзуд хабар мегирад. Илоҳо, сафи чунин табибони мушфиқу меҳрубон дар деҳаамон, умуман, дар ҷомеаамон зиёд гардад, – мегӯяд омӯзгори собиқадор Бурҳон Ҳайдаров.

Шоир фармудааст:

*Одамиро хулқ дилҷӯ мекунад,*
*Сираташ зебо иморат мекунад.*
*Дору танҳо марҳами бемор нест,*
*Лафзи ширин ҳам табобат*
*мекунад...*

Ҳамсари Обидҷон Аниса китобдори мактаб мебошад.

– Дар китобхонаи мо китобҳои дарсиву бадеӣ ниҳоят кам, ба ин нигоҳ накарда хонандагон ҳаракат мекунанд хонанд, савод омӯзанд. Ҳоло дар таъҳили тобистона низ бачаҳо аз мактаб дур нарафтаанд. Бачаҳое ҳастанд, ки китоби гирифтааШонро дар ҳолати ногувор месупоранд. Ба онҳо доир ба тозаву озода нигоҳ доштани китоб, баъди онҳо додару хоҳаронашон низ истифода бурданашро мефаҳмонем, – мегӯяд Аниса.

Обидҷон бо Аниса фарзандон – Шоҳина, Мадина ва Имронбекро китобхону фарҳангдӯст ба воя мерасонанд ва мехоҳанд мисли бобою момоҳои рӯзгордидаашон дар байни халқ боқадру боиззат шаванд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Намоишгоҳи байналхалқии занони ихтироъгари Куриё KIWIE-2023 кори худро 20 июл шурӯъ намуда буд, ки онро Ассотсиатсияи занони ихтироъгари Куриё (KWIA), иттиҳоди моликияти зеҳнии Куриё (KIPO) ва Созмони ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (WIPO) ташкил менамояд.***

# ЗАНОНИ ИХТИРОЪГАРИ ЎЗБЕКИСТОН – СОҲИБИ ҲОИЗАИ НАМОИШГОҲ

Мақсади намоишгоҳ омӯзиши дастовардҳои занони ихтироъгар дар соҳаи илм ва технология ва ҳамчунин рағбатнокгардонии онҳо мебошад.

Дар KIWIE-2023 беш аз 400 нафар занон аз 40 давлат ширкат варзиданд. Онҳо кори худро дар соҳаҳои техника ва технология, тиббиёт, озуқаворӣ, саноати сабук, кимё ва самтҳои мухталифи саноат намоиш доданд.

Ихтирои занони мамлакатамон барои иштирок дар намоишгоҳи байналхалқӣ, озмун ва анҷумане пешниҳод гардида буд, ки дар Куриё аз ҷониби Кумитаи оила ва занон баргузор мегардад. Онҳо мавриди таваҷҷуҳи иштирокдорони KIWIE-2023 қарор гирифтанд ва аз ҷониби коршиносони байналхалқӣ баланд арзёбӣ гардиданд.

Дар ҷамъбасти намоишгоҳи KIWIE-2023 ихтироъгарзанони Ўзбекистон чор медали тилло, панҷ медали нуқра ва як медали биринҷӣ, инчунин панҷ ҷоизаи махсусро дар самтҳои тиббиёт, техника ва хоҷагии қишлоқ соҳиб гардиданд.

Ихтироъгарзанони Ўзбекистон бо ҳамтоёни худ аз давлатҳои хориҷа аз наздик шинос гардида, дар семинар ва мизҳои мудавваре, ки аз ҷониби Ассотсиатсияи ихтироъгарзанони Куриё ташкил гардида буд, иштирок намуданд. Онҳо инчунин дар чорабиниҳое, ки дар сафорати Ўзбекистон дар Куриё созмон ёфтанд, ширкат намуданд.

**Назокат УСМОНОВА,**
**хабарнигори ЎзА.**

# ХИДМАТИ БОСИФАТИ ТИББӢ – ТАЛАБИ РӮЗ

*Дар нишон додани хидмати босифати тиббӣ ба аҳолӣ ҷалб намудани сектори хусусӣ баҳри ташаккули рақобати солим дар соҳа, ҷорӣ намудани технологияи пешқадам омили муҳим мебошад.*

*Имрӯз дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон низ шумораи клиникаҳои хусусии фаъол торафт меафзояд. Яке аз онҳо клиникаи «Reacenter Nukus»-и шаҳри Нуқус мебошад. Дар ин ҷо муолиҷаи беморӣҳои рӯҳӣ, мағзи сар, рагҳои хунгарди дил, меъда, сутунмӯҳра, бачаҳое, ки дар нутқашон нуқс доранд, ба роҳ монда шудааст. Дар клиникаи замонавӣ шуъбаи статсионарии дорои 15 ҷой низ мавҷуд.*

***Дар сурат:*** *дар клиникаи «Reacenter Nukus»-и шаҳри Нуқус.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ. (ЎзА).***

# КАФШЕРГАР

Усто Нормӯъмин чун нӯки электродро ба шофи ду оҳан расонд, ба чаҳор тараф «шарораҳо» париданд ва як равшании муқтадире падид омад. Вай аз паси сарпӯши шишасиёҳ ба фавворaи оташ нигаристa, чоки оҳанҳоро зуд васл намуд. Сипас ба ҷойи пайванд нигарист ва аз натиҷаи кораш мамнун шуд. Аммо аз рӯи эҳтиёт ба ду-се ҷойи оҳан электрод давонда, корро мувофиқ гардонд. Ҳар гоҳ оташ фаввора мезаду ситораборон ба амал меомад, фавран дуди кабудчае паҳн мегашт, ки бӯйи оҳани тафтаи бо кадомин як моддаи кимиёвӣ омехтаро ба димоғ менишонд.

– Чилу шаш сол аст, ки дар машом ҳамин бӯй ҳар рӯзи Худо машғули корам, – атрофи чашму абру ва бинниашро, ки хат-хат сиёҳӣ нишаста, ширинкорони саҳнаҳои ҳаҷву танзро ба хотир меовард, бо остин пок карда, гуфт усто Нормӯъмин.

– Ба сиҳатии одам зиён надорад? – пурсидам ман.

– Дорад, зарари калон дорад, – роиҷ тан гирифт ӯ. – Шуш ва ҷигару меъдаро ғалбер мекунад, сабилмонда! Аммо чӣ илоҷ... Дар ин замонаи качдору марез кӣ як пора нони беминнат медиҳад? – дар тафаккур сари китфони васеашро болою поён бурд ӯ. – Баъдан, кафшергарӣ касби дӯстдоштаам аст. Агар пешаи худро аз сидқи тамом дӯст дорӣ, ба ҳеч чиз нигоҳ намекунӣ, ҳатто баъзан зиёнаш ба саломатӣ таҳдид кунад ҳам, аз гӯшаи хотират меафтидааст. Аммо ман ба сиҳатии худам бепарво нестам. Пас аз кори дарозо бештар ширу ҷурғот менӯшам, то заҳри ҷамъшударо бишӯянд. Албатта, ба шогирдонам низ ин чизро таъкид мекунам.

Нормӯъмин Пардаев ҳоло дар нафақа аст. Шаш сол қабл аз ин чун ба синни нафақа расид, тасмим гирифт, ки «бас аст ранҷ бурдан, дигар асло кор намекунад, акнун як каме дар бораи тӯшаи охират фикр мекунад». Аммо ба мардуме, ки як умр ҷисму рӯҳи худро дар майдони меҳнат обутоб додааанд ва ин тавр нони аҳли пайвандонро аз пайи чунин шуғл ёфтааанд, банохост тарки арсаи набард кардан бас мушкил мекӯчидааст. Усто Нормӯъмин ҳам муддате хонашин шуда, ба хости дил роҳат карданӣ буд! Аммо... ин усул ба феъли мардонаи ӯ созгор наомад.

– Агар мекушад, бигзор ҳамин кор бикушад! – ниҳоят аз зиқиву асабоният ба дарачаи кафидан расида, боз домани пайвандгарӣ рафт.

Вай мегӯяд, ҳамон бӯйи тафти оҳан, дуди ғализи электрод, садои ба ҳам хӯрдани оҳанҳо, дастгоҳҳои оҳанбуриву суфтагарӣ... вайро чун оҳанрабо дубора ба сӯи худ кашиданд.

Усто Нормӯъминро дар мавзеи Боғчорбоғи ноҳияи Деҳқонобод, ки шумори аҳолиашро бештар аз 18 ҳазор нафар арзёбӣ мекунанд, хурду калон эҳтиром менамоянд. Зеро осори меҳнати кафшергарии ӯ қариб дар ҳар хонадон вучуд дошта, хоса ӯро барои мардонагӣ ва якқавлиаш хеле дӯст медоранд.

Ин устои номвар ва марди якрӯву мушкилосонкуни мардум – Нормӯъмин Пардаев соли 1957 ба дунё омадааст. Чун мактаби рақами 10-и Боғчорбоғро бо баҳои хуб хатм намуд, устодонаш маслиҳат доданд, ки ба ягон даргоҳи илм ҳуҷҷат супорад. Аммо ӯ меҳри пешаи ронандагӣ дар дил мепарваруд. Бинобар ин, ба ҳавои дил кор гирифта, рост ба ташкилоти ДОСААФ-и ноҳияи Ғузор омад ва ҳуҷҷатҳои худро ба курси ронандагӣ супорид. Чун соҳиби ҳуқуқи ронандагӣ шуд, соли 1977 ӯро ба сафи Нерӯҳои Мусаллаҳ ҷалб намуданд. Вай хидмати ҳарбиро дар шаҳри Горкии Русия сипарӣ намуд. Ҳангоми хидмат ба Ватан курси семоҳаи кафшергариро гузашта, дар як муддат соҳиби ин касб гардид. Дар сохтмон кор карда, аз кафшергарони беҳтарин нозукиҳои ин пешаро бештар омӯхт ва чун ба зодгоҳ баргашт, соҳиби касби дар он замонҳо нодире буд ва ба худ зуд ҷои кор пайдо намуд. Нахуст ба хоҷагии давлатии «Бошчорбоғ» кор кард ва пас аз ҷаҳор соли фаъолият дар ин хоҷагӣ аз соли 1986 ба филиали муассисаи «Рембит-техника» чун кафшергар ба кор пазируфта шуд. Дар ин маскан то соли 2002 меҳнат карда, баъдан корро дар корхонаи хусусии Норсафар Бобоев идома дод. Ин ҷо барои мардуми талабгор дару дарвозаҳои гуногун, зарфҳои обу дигар моеҳ, бухориву карнайҳо месохтанд. Аксар вақт ба таъмири мошин низ шуғл варзида, ҳама корҳои пайвандгарӣ ба зимаи усто Нормӯъмин гузошта мешуд.

Ӯ ба ёд меорад, ки ба як мошини тамғаи «ГАЗ-53», ки дар байни мардум хеле маъруфият дошт ва хоса мардуми кӯҳистон барои кашондани молу коло барояш бештар арҷ мегузоштанд, муҳаррики дизелӣ насб намуданд. Чунки як замон бензин камёфт шуда, харҷи чунин мошинҳо ба осмон баромад. Чун ба ин мошин муҳаррики дизелии трактори «Т-80»-ро насб намуданд, зуд шӯҳрат ёфт ва ҳаводорони чунин мошинҳо аз шаҳру навоҳии вилояти Сурхондарё низ пайдо шудаву дар як муддат бештар аз 10 мошини минтақа бо муҳаррикҳои дизелӣ дар хидмати мардум қарор гирифтанд. Усто мегӯяд, пас аз чунин иқдом ба Маркази илмию тадқиқотии ҷумҳурӣ воқеъ дар шаҳри Тошканд муроҷиат намуданд, то барои идомаи кор барояшон ҳуҷҷат бидиҳад. Дар як муддати кӯтоҳ кормандони марказ кори онҳоро мусбат арзёбӣ намуда, барояшон ҳуҷҷатҳои заруриро фиристоданд.

Усто ҳоло дар касби кафшергарӣ дарачаи кории I-ро соҳиб аст ва се писари ӯ Илҳом, Улуғбек ва Норбек ҳам аз пайи падар рафтаву нозукиҳои пешаи кафшергариро меомӯзанд. Ҳамчунин шогирдонаш Одил Имомов, Тӯйчӣ Розиқов ва Нодир Имомов маҳбуби мардум гаштаанд.

Нормӯъмин Пардаев аз шогирдони худ талаб мекунад, ки аз меҳнати ҳалол ҳаргиз сар напечанд. Вай таъкид месозад, ки агар дилу нияти усто пок набошад, натиҷаи кораш боре нахоҳад овард.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

*Ба муносибати 100-солагии Жола Бадеъ*

# ЖОЛА – МАҲБУБИ СЕ МАМЛАКАТ

Дар қисми шимолии Эрон озариҳо хеле зиёд, дар Озарбойҷон, айни замон, миқдори муайяни форсигӯйҳо ба сар мебаранд. Шоираи номвар Жола Бадеъ, ки дар асл духтари Исфаҳон аст, бо шавҳараш Шамсиддин, ки афсари нерӯи ҳавоӣ буд, чанд сол дар Боку кору зиндагӣ кардааст. Вай аз хурдсолӣ бо туркӣ (озарӣ) то андозае балад буд. Аснои зиндагӣ дар Боку ин забонро ба пуррагӣ омӯхт. Дар факултаи филологии Донишгоҳи давлатии Озарбойҷон хонд ва соҳиби маълумоти олӣ шуд (вай пештар дар зодгоҳаш коллеҷи англисиро хатм карда буд). Бо озарӣ шеърҳо навишт, аз ашъори суханварони он намунаҳо ба форсӣ тарҷума кард, дар муҳити адабии ин кишвар мавқеъ пайдо намуд. Боку барои шоираи шуҳратманди мо боз барои он азиз аст, ки ӯ ду фарзанди худ Бежан ва Меҳрдодро дар ин шаҳр ба дунё овард.

Жола (номи аслиаш Мастона) ҳанӯз аз ҳафтсолагӣ ба шеъргӯйӣ оғоз намуда буд. Соли 1944 аввалин дафтари шеърҳояш бо унвони «Гулҳои худрӯ» рӯи чоп дид. Нахустшеърҳои ӯ асосан лирикианд, лирикаи фалсафӣ, граждану ва ишқӣ дар онҳо то андозае ҳамоҳанг.

Вале воқеаҳои сиёсие, ки дар Эрон рӯй дод, водошт Жола дар ҷавонӣ ҷилои ватан кунад. Навъе таъкид сохтем, чанд сол дар Озарбойҷон умр гузаронид. Дар Боку ду китобаш («Ёдгор» ва «Армуғон») аз чоп баромад.

Тақдир Жола ва хонадони ӯро ба Маскав пайваст. Шоираи хушбаён баробари шеъргӯйӣ ба тадқиқу таҳқиқи масъалаҳои шеъри муосири форсӣ пардохт, дар аспирантураи Донишгоҳи давлатии ба номи Ломоносов низ таҳсил кард, соли 1959 номзадӣ ҳимоя намуд. Китобҳояш «Нимо Юшич — падари шеъри нав» ва «Шеъри нав чист?», тавре аз номашон пайдост, доир ба чӣ тавр бо мушкилӣ роҳёбии «шеъри нав» ба адабиёти ҳазорсолаи форсӣ дар Эрон мебошанд. Бахшида ба фаъолияти илмиву эҷодии Орифи Қазвинӣ ва Маликушшуаро Баҳор низ Жола тадқиқоти пуррарзиш анҷом дод ва дар ин боб китобҳои алоҳида чоп кунонд.

Жола Бадеъ забони русиро низ хуб медонист. Дар Маскав чанде китобҳояш бо русӣ ҷомаи табъ ба бар карданд ва писанди русзабонҳо шудааанд. Хусусан «Живая река» («Дарёи зинда») ва «Синий корабл» («Киштии кабуд») ном маҷмӯаҳояш ба шоира бештар шуҳрат оварданд.

Жола Тоҷикистонро ватани дувум меҳисобид, зуд-зуд ба Душанбе меомад, дар чорабиниҳои адабию фарҳангӣ ширкат меҷуст. Айни замон вай ҳамзабонони худ аз Осиёи Марказӣ, алоқамандони илму адаби тоҷикро, ки дар Маскав мешуданд, хуб пазиро ва дастгирӣ мекард. Дар баробари Бобоҷон Ғафуров ва Шавкат Ниёзӣ вай дар Маскав ба аҳли илму эҷоди мо ба маънии том пуштбонӣ менамуд, роҳ нишон медод, онҳоро тарбият мекард. Риштаҳои меҳру оқибат ӯву Мавҷуда Ҳакимова, Гулрухсор, Ҳадиса, Зулфия Атоуллоева ва дигар шоираҳои тоҷикро мустаҳкам мепайваст.

Шеъру мақолаи илмӣ-адабиётшиносии Жола дар матбуоти даврии Тоҷикистон, хусусан маҷаллаи «Садои Шарқ» муттасил ба табъ мерасид. Айни замон вай бо ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» аз наздик ҳамкорӣ кардааст.

Нақл мекунанд, ҳатто аз ғурбат (баъде маҷбур шуд Маскавро низ тарк намояд), аз Урупо ашъори худро дар шакли дастнавис ба нашрияҳои адабии Тоҷикистон мефиристод.

Жола бо забоне таълиф мекард, ки умумифорсист, яъне тоҷики одӣ низ маънии навиштаҳои баланди ӯро равшан дарк менамуд.

Шоира дар базмҳои шеъру сухан фаъолона иштирок мекард, бо шунидани шеъри шоирони тоҷик (чи аз забони худи онҳо ва чи аз забони дигарон) ҷаҳон-ҷаҳон лаззат мебурд. Айни замон шеърхониҳои Жола ба қалби шоирони тоҷик амиқ таъсир мегузошт, ҳарфу ҳиҷои нишонрас, оҳанги талаффузи марғуладораш торҳои эҳсосро ба ларзиш меовард. Шоири тавонои тоҷик Гулназар ба вай як шеър бахшидааст, ки бо чунин мисраъҳо сар мешавад:

*Шоира шеър ҳамехонаду*
*ман масти ваям,*
*Масти ҳар як суханаш,*
*Масти дар шеър чу дил*
*сӯхтанаш...*

«Модарон сулҳ мехоҳанд», «Дастагул», «Зиндарӯд», «Интизор», «Ҳангоми вафо», «Пайванд» барин дафтарҳои шеърии Жола Бадеъ дар Душанбе чоп шудаанд. Дар шеърҳои алоҳидаи ӯ «Тоҷикистон», «Посух ба шоири ҷавони тоҷик», «Шеър ташнагист», «Хатлонзамин» муҳаббати сӯзони шоира нисбати диёри тоҷикон равшан ифода ёфтааст.

Нооромиҳо дар собиқ иттиҳод (тавре ишора рафт) Жоларо водор сохтанд дигарбора ба муҳоҷират рӯй орад. Вай солҳои охири ҳаёташро дар Лондон гузаронд. 4 декабри соли 2007 аз олам гузашт.

Дар шеърҳои пургудози солҳои охири ҳаёташ, ки дар «Парранда-гони муҳоҷир» (2005) ном маҷмӯааш гирд омадааанд, армони сӯзноки онҳоеро, ки аз ноилоҷӣ аз ҷое ба ҷое кӯч мебанданд, ба қалам додааст. «Албурзи бешикаст», «Эй боди шурта», «Хурӯши хомӯшӣ», «Тараннуми парвоз», «Сояи солҳо» ном китобҳояш, айни замон, асосан аз ашъори дардомез фароҳаманд, хонандаро муассир месозанд.

Тавре ҳис мешавад, дафтарҳои шеърии Жола дар чанд мамлакат ва бо чанд забон ба табъ расидаанд, масалан дар Теҳрон, Боку, Маскав, Лондон, Париж. Ва айни замон дар Тошканд...

Шоира дар пиронсолӣ тавонист рӯйи куллиёт низ бубинад, ки он дар ватани бобояш Эрон рӯйи дунё дид.

Жола либреттое низ таълиф намуда, ки дар заминаи он Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ операи «Парасту»-ро ба саҳна гузошт.

Мегуфтанд Жола ба дардҳои башар беш аз ҳар касе ошност ва ӯ «сарояндаи дардҳо»-ст. Айни замон зиндадилии ӯ ва рӯҳи оптимистии қаламиҳояш ба рӯҳияи китобхон таъсири хуб мегузорад, ки дар ин бобат шоир ва донишманди тоҷик Рустами Ваҳҳоб ин тавр қайд кардааст: «Шеъри Жола шеъри содаву равшан ва саршор аз рӯҳиёти шодзистӣ ва умедворӣ ба ояндаи фарруху фархунда мебошад».

Тавре дар оғози сухан ишора гашт, Жола баробари Эрону Тоҷикистон ба Озарбойҷон низ то андозае мукаррам мебошад. Хидматаш ба адабиёти ин халқ, хусусан, чун мутарҷим босазост. Вай бештар аз ҳазор байт ашъори шоирони Озарбойҷонро ба форсӣ тарҷума кардааст.

**М. ШОДИЕВ**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-825. Адади нашр 4548 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.